**ТАҚРИЗ**

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи «Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик**

Шоири машҳур Сайфи Исфарангӣ замоне ба майдони суханварӣ омадааст, ки назми классикии тоҷик дар мақоми волои ҳунар ва тасаннӯъ қарор дошт. Бештари шоирони ҳамасру ҳамаҳди ӯ бо забони шеър фалсафаю ҳикмати андӯхтаҳои башариятро шарҳу тавзеҳ медоданд. Ҳарчанд аксари қаламкашони он рӯзгор ба мадҳу ситоиши чеҳраҳои барҷастаи замон машғул шуда бошанд ҳам, вале ҳамеша гуфторашон саршори ҳикмату ахлоқ ва мамлуи ташреҳи масоили илмӣ, аз ҷумла фалакиёт будааст.

Аз ин рӯ, бидуни тардид метавон Сайфи Исфарангиро низ шоире ҳакиму фарзона баршумурд, ки зимни халқи ғазалиёту қасоиди хеш ба баррасии бадеии ҷанбаҳои илмии марбут ба қазову қадар, таъсири коинот ба ҳаёти инсонӣ, мақсаду мароми мавҷудот дар олам, равобити моддиву маънавии аркону аносири табиат ва, болотар аз ҳама, ба маънидоди шоиронаи рангомезиҳои ҳастиву бархӯрдҳои абнои башар тавфиқ ёфтааст.

Рисолаи номзадии Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи «Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ» намунаи хуби таҳқиқоти илмӣ перомуни рӯзгору осори суханвари ёдшуда буда, аз камоли эъҷозу соҳибҳунарии ӯ иттилоъ медиҳад.

Дар боби аввали тадқиқот масъалаҳои вобаста ба зиндагинома ва эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ бо истифода аз манобеи адабиву таърихӣ ва илмӣ ҳамаҷиҳата омӯхта шудааст. Аз муҳтавои таҳлилу тадқиқоти сомонёфта дар ин қисмати рисола метавон дарёфт, ки муҳаққиқ барои пажӯҳиши мукаммали мавзӯоти асосӣ сарчашмаву манобеи муътамадро зери даст дошта, дар ин хусус огоҳонаву озодона мулоҳиза меронад. Дар

фишурда ба қадри имкон таркиби осори шоир ва равишҳои эҷодии ӯ, ки дар боби аввал ҳамчун заминаи тадқиқот омадааст, муайяну мушаххас мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Боби дуюми тадқиқот аз назари вусъати мавзӯот ва баррасии ҷанбаҳои ҳунари шоирии Сайфи Исфарангӣ хеле фарогиру доманадор аст. Дар ин ҷо соҳиби рисола аз рӯи зарурат чанд равиши таҳқиқ, монанди усули муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва гоҳ-гоҳ равиши тасвирию сохторӣ ва омориро интихоб намуда, манзараи умумии поэтикаи қасоиди шоирро пешорӯи аҳли илм ниҳодааст. Аз ҷумла, таҳлили сохтори қасоид, радифу қавофӣ, теъдоди мамдуҳон, ному вазифа ва рутбаи онон, сифату тарз ва муҳтавои мадҳ, шумораи қасидаҳои ба ин ё он шахси таърихӣ бахшидашуда баёнгари онанд, ки муаллифи пажӯҳиш аз дунёи афкори бадеӣ ва андешаҳои фалсафию таърихии Сайфи Исфарангӣ амиқ огоҳ аст.

Ҳамчунин, дар боби дуюм баррасии андешаҳои иҷтимоӣ дар қасидаҳо ва тасвиру тавсифи табиату субҳ дар тағаззулоти ин навъи шеърии ашъори Сайфи Исфарангӣ ҷолиб сурат гирифтааст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки «Мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар қасоиди Сайфи Исфарангӣ» унвон дорад, сухан аз маҳорати шоирии эҷодкори мавриди назар меравад. Рисоланавис тамоми паҳлӯҳои ҳунари шоирро дар мисоли калимасозӣ, таркибофаринӣ, ибораоройӣ ва маънипардозӣ рӯнамо сохта, сабку услуби нигориши ӯро бо намунаҳои равшани шеърӣ собит менамояд. Ин қисмати диссертатсияро тадқиқи шеваи корбурди саноеи бадеӣ, зарбулмасалу мақол, аносири фарҳанги мардумӣ, истифодаи калимаҳои ноб, таъбиру таркибҳои ошнову нишонрас ва дигар ҷанбаҳои эҷодии Сайфи Исфарангӣ мукаммалу муназзам сохтаанд.

Хулосаҳои фишурдаи рисола бозгӯи мулоҳизоти амиқу дақиқи диссертант буда, маҷмӯан, аз анҷоми таҳқиқоти тоза дар адабиётшиносии имрӯзи тоҷик хабар медиҳанд.

Мавриди зикр аст, ки миёни бобҳо робитаи устувори мантиқӣ ва пайванди афкору мубоҳисаҳои илмӣ риоя гардида, аз донишу фаҳмиши

дурусти соҳиби рисола шаҳодат медиҳад. Илова бар ин, дарёфту таҳлили ҳаматарафаи сарчашмаҳо, корбасти китобу мақолаҳои илмии донишмандони ватаниву хориҷӣ ба хотири пажӯҳиши муҳити иҷтимоиву фарҳангии замони Сайфи Исфарангӣ далели раднопазири ҷӯяндагии Раҳматова Озодахон мебошад.

Дар канори муваффақиятҳои ёдшуда дар фишурдаи диссертатсия чанд камбудии ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасад:

1. Дар фишурда гоҳо заъфи таълиф ба мушоҳида мерасад, ки яке аз онҳо корбурди таркиби изофии пайдарпай мебошад: «...шоирони маъруфи адабиёти тоҷикии форсии замони инқирози давлати...» (саҳ.20).

2. Дар фишурда рӯйхати сарчашмаҳои истифодашуда вуҷуд надошта, муаллиф айнан ба тарзи истифодаи манобеъ дар матни рисола ишора менамояд ([31], [76], [87], [105], [114] ва ғайра).

3. Муаллиф зимни таълифи фишурда ба ғалатҳои имлоӣ роҳ додааст, ки, албатта, ислоҳи онҳо хеле осон аст (саҳ.3, 4, 8, 12, 14 ва ғ.).

Ҳамин гуна, рисолаи Раҳматова Озодахон Анварҷоновна ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади улуми филологӣ мебошад.

**Мирсаидов Б.Т.,** **номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ**

**Имзои Мирсаидов Б.Т.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Китобхонаи вилоятии оммавии**
**ба номи Тошхоҷа Асирӣ** **Ҷалолова М.С.**

10-уми августи соли 2020

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 1
www.asiri.tj
E-mail: somonzod
Тел: +992-92-723-47-37